ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Каримова Сумая Рустамовна дар мавзӯи «Таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020102 – Таърихи фалсафа

Пас аз таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи диссертатсияи пешниҳоднамудаи Каримова Сумая Рустамовна, ки ба таҳқиқи ҳаёт, осор, ҷаҳонбинӣ ва таълимоти ҳастишиносию маърифатшиносӣ ва масъалаҳои ахлоқӣ бахшида шудааст, ҷобили таъйид аст, ки таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти муҳимми назариявӣ, таърихию фалсафӣ ва илмӣ мебошад. Муаллиф дар диссертатсия кӯшиш намудааст, ки яке аз чеҳраҳои таъсиргузор Салоҳуддини Салҷуқӣ (1896–1970), ки дар фалсафаи муосири Афғонистон ҳамчун шахсияти фаъоли ҷамъиятӣ, ислоҳгар, рӯзноманигор, дипломат ва мутафаккиру файласуф шинохта мешавад аз лиҳози фалсафӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳад.

Мавзӯи таҳқиқот бо назардошти аҳамияти мероси фалсафию маънавии Шарқ дар таърихи андешаи башарӣ ва зарурати омӯзиши илмии равандҳои ташаккул ва таҳаввули тафаккури фалсафӣ дар ҷаҳони муосир мубрам арзёбӣ мегардад. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки фаъолияти илмӣ ва адабии Салҷуқӣ барои пурзӯр намудани муборизаи халқиятҳои Афғонистон ва инчунин кишварҳои ҳамҷавор, ки ба муқобили мустамликадорӣ нигаронида шуда буд, бахшида шудааст. Салҷуқӣ дар баробари андешаҳои ирфонӣ ва ахлоқӣ аз масоили миллию сиёсӣ низ канор намерафт. Вай маорифро абзори мубориза бо ҷаҳолат, мазҳабгароии ифротӣ ва таассуб медонист ва таҳкими шуури миллӣ ва бедории маънавиро воситаи раҳоии инсону ҷомеа аз нобаробариҳо мешумурд.

Мақсади асосии таҳқиқот аз тавсифи умумии замони зиндагӣ ва фаъолияти илмию адабии Салоҳуддини Салҷуқӣ, шарҳи вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Салоҳуддини Салҷуқӣ, муайян кардан ва шарҳ додани заминаҳои ғоявию фарҳангии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва афкори фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ, таълимоти ахлоқӣ ва зебоишиносии Салҷуқӣ, таҳқиқи андешаҳои ҳастишиносии Салоҳуддини Салҷуқӣ, таҳлилу арзёбии фалсафаи гносиологии Салҷуқӣ, масъалаҳои антропологӣ дар таълимоти фалсафии Салоҳуддин Салҷуқӣ, муайян

кардани мақом ва нақши Салоҳуддини Салҷуқӣ дар таърихи афкори ҷамъиятию фалсафии Афғонистон ва дигар минтақаҳо мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқ муаллиф аз доираи васеи сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ истифода намуда, мунаққидона ва таҳқиқоти муосири ба мероси ӯ бахшидашударо мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф бо истифода аз методҳои назариявӣ ва амалии бадастории донишҳои илмӣ, аз ҷумла усулҳои гуногуни мантиқӣ ва илмӣ, ба монанди усули таърихӣ-фалсафӣ, усули аксиологӣ ва интиқодӣ, усули гузариш аз таҳлили таҷридӣ ба таҳлили мушаххас, усулҳои муқоисавӣ, таҳлил ва таркиби мавод, баъзан унсурҳои герменевтика ва ғайра таҳқиқоти худро анҷом додааст.

Арзиши назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиши ҳаёту фаъолият, эҷодиёт, мерос ва ҷаҳонбинии фалсафии маорифпарвари барҷастаи Афғонистон Салоҳуддини Салҷуқӣ дар баррасӣ ва равшан сохтани масоили назариявии афкори фалсафии мутафаккир мусоидат хоҳад кард. Инчунин омӯзиши таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ дорои аҳаммияти муҳимми назариявӣ буда, истифодаи ғояҳои ахлоқӣ ва тарбиявии ӯ дар низоми таълим ва тарбияи муосир метавонад барои ташаккули шахсияти комил, баланд бардоштани маърифати маънавӣ ва таҳкими фарҳанги таҳаммулпазирӣ мусоидат намояд.

Арзиши амалии таҳқиқот барои донишмандон, докторантон, донишҷӯён ва пажӯҳишгарони соҳаи таърихи фалсафа дар омӯзиши афкори илмию фалсафӣ Салҷуқӣ кӯмак расонад. Илова ба ин, кори диссертатсионӣ аҳамияти сарчашмашиносӣ низ дорад, зеро баъзе маводи таҳқиқот бо забони тоҷикӣ бори аввал мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо ташкил ва гузаронидани корҳои озмоишӣ дар самти омӯзиши афкори илмию фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ ва чорабиниҳои гуногуни таълимию фалсафӣ дар муассисаҳои таҳқиқотӣ муайян карда мешаванд. Дурустии диссертатсияро натиҷаҳои аз раванди корҳои озмоишӣ, ки дар асоси баррасию таҳлили афкори мутафаккирони барҷастаи соҳаи фалсафа, аз ҷумла, Арасту, Афлотун, Форобӣ, ибн Сино, ибн Арабӣ ва бешубҳа, Салоҳуддини Салҷуқӣ ба даст омадаанд, тасдиқ менамоянд.

Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф дар раванди таҳқиқот кӯшиш намудааст, то масъалаҳои мазкурро дар пояи

методологияи фалсафӣ ва илмӣ таҳқиқ намуда, масъалаҳои ҳастӣ, маърифат ва инсоншиносиро таҳлил намояд. Ҳамзамон саҳми бевоситаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба воситаи интишори мақолаҳои илмӣ дар бораи мавзуи кор ва баромадҳо дар конфренсияҳои илмию назариявӣ баён шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад захираи мавҷудаи таҳқиқоти фалсафиро пурра намоянд ва барои муҳаққиқони таърихи фалсафа муфид бошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Мазмун ва самти интишороти муаллиф бо муҳтавои диссертатсия мувофиқат дошта, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти анҷомдодашударо инъикос менамоянд.

Комиссияи экспертӣ ба хулосае омад, ки диссертатсияи Каримова Сумая Рустамовна дар мавзӯи «Таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз руйи ихтисоси 6D020102 – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти мустақилона анҷомёфтаи илмӣ буда, дорои навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва арзиши таърихию фалсафӣ мебошад ва ба талаботи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ оид ба диссертатсияи Каримова Сумая Рустамовна дар мавзӯи «Таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020102 – Таърихи фалсафа мутахассисони зерин таъин карда шаванд:

- Нурулҳақ Қамар - доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири кафедраи диншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Норбоев Юсуфҷон Мардонқулович – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои гузоштани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия, ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои нашр ва паҳн намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертии диссертатсияи Каримова Сумая Рустамовна дар мавзӯи «Таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020102 – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Каримова Сумая Рустамовна дар мавзӯи «Таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ» барои дарёфти барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020102 – Таърихи фалсафа, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D020102 – Таърихи фалсафа мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Нурулҳақ Қамар - доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири кафедраи диншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Норбоев Юсуфҷон Мардонқулович – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва паҳн гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:

доктори илмҳои фалсафа Ниёзӣ Ё. Б.

Аъзои комиссияи экспертӣ:

доктори илмҳои фалсафа Содиқӣ Н. Н.

доктори илмҳои фалсафа Умедов М. Ҳ.

11.11.2026